**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ФАРМОИШ**
**Правительство Республики Таджикистан**
**РАСПОРЯЖЕНИЕ**

аз 17 феврали соли 2024 № 7-ф

**ш. Душанбе**

Бо мақсади таҳияи босифати буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2027 ва таъмини истифодаи самараноки захираҳои молиявии давлатӣ:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба самтҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ шудааст, инчунин бо дарназардошти татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор, бо мақсади таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2027 ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025», чорабиниҳои зеринро амалӣ намояд:

1) то 25 феврали соли 2024 аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор (дар сатҳи муовини роҳбар) гурӯҳи кории байниидоравии буҷетиро дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад;

2) ҷиҳати таҳияи механизми ҳамгироии масъалаҳои гендерӣ, иқлим ва иртиботи алоқа байни нишондиҳандаҳои буҷет бо ҳадафҳои рушди устувор чораандешӣ намояд;

3) то 25 феврали соли 2024 дастурамал оид ба ташаккули нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 (марҳилаи I) ва нақшаи тақвимӣ оид ба таҳияи лоиҳаи буҷетро таҳия ва ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол намояд;

4) тартиби таҳия ва шаклҳои пешниҳоди дархостҳои буҷетиро омода ва тасдиқ намояд;

5) то 15 апрели соли 2024 дар асоси баҳодиҳии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст, ҳаҷми дурнамои даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи миёнамуҳлат муайян намояд;

6) то 3 июни соли 2024 дар доираи таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2027 ба баррасии Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати молиявию буҷетӣ ва андозиро барои давраи дарпешистодаи банақшагирии буҷетӣ, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад, пешниҳод намояд:

– нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ аз рӯйи даромад, хароҷот, касри он ва ҳаҷми қарзи давлатӣ;

– нишондиҳандаҳои ҳисобии буҷети заминавӣ;

– нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ;

– маблағи умумии хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ;

– хароҷоти афзалиятнок барои амалисозии самтҳои нави сиёсати давлатӣ дар асоси пешниҳодҳои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, ки мутобиқи афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва ҳадафҳои рушди устувор таҳия гардидаанд;

– маълумоти дигар, ки барои таҳияи буҷети давлатӣ зарур мебошад;

7) то 3 июли соли 2024 дастурамал оид ба таҳияи лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва нишондиҳандаҳои дурнамои он барои солҳои 2026-2027 (марҳилаи II)-ро омода ва ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастрас намояд;

8) пас аз маъқул дониста шудани самтҳои асосии сиёсати молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои давраи банақшагирии буҷетӣ аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадди ниҳоии хароҷотро ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастрас намояд;

9) то 20 сентябри соли 2024 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатиро барои солҳои 2026-2027 аз рӯйи гурӯҳбандиҳои барномавӣ, вазифавӣ, иқтисодӣ ва идоравӣ барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

2. Вазорату идораҳои аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузоришаванда:

- то 25 феврали соли 2024 дар асоси афзалиятҳои соҳавӣ барои таҳияи барномаи миёнамуҳлати хароҷоти соҳавӣ гурӯҳҳои кории байниидоравии соҳавӣ таъсис дода, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

- мутобиқи нақшаи тақвимии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида барномаҳои миёнамуҳлати хароҷоти соҳавиро барои баррасӣ ба гурӯҳи кории байниидоравии

буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- ҳангоми таҳияи дархост барои маблағгузории стратегияи миёнамуҳлати хароҷот (дастурамали марҳилаи 1) лоиҳаи барномаҳои соҳавиро, ки дар давраи миёнамуҳлат маблағгузориро аз буҷети давлатӣ талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2025-2027 пешниҳод намоянд;

- хароҷотро барои татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» тарҳрезӣ ва ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- бо мақсади банақшагирии дақиқи буҷет аз рӯйи соҳа то 25 феврали соли 2024 дар сатҳи тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби кормандони масъули вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳи кории дохилиидоравӣ оид ба таҳияи буҷети худи вазорату идораҳо ҳамчун тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ таъсис дода, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

- пешниҳоди тамоми маълумоти буҷетиро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо тариқи электронӣ бе нусхаи коғазӣ анҷом диҳанд.

3. Вазорату идораҳо хароҷоти соҳавиро аз рӯйи гурӯҳбандии барномавӣ барои соли 2025, инчунин тавсифномаи барномаҳои буҷетии амалкунандаро бо дарназардошти алоқамандии онҳо бо афзалиятҳои соҳавӣ ва натиҷаҳои интизорбуда дар шакли нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ таҳия карда, то 1 августи соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

4. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- то 1 марти соли 2024 баҳодиҳии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2025 ва параметрҳои асосии дурнамо барои солҳои 2026-2027, инчунин нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат;

- то 8 июли соли 2024 дурнамои дақиқшудаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2025 ва параметрҳои асосии он барои солҳои 2026-2027 бо дарназардошти нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои солҳои 2025-2027, инчунин то 25 июли соли 2024 нишондиҳандаҳои сармоягузории асосии мутамарказ (аз ҳисоби буҷети давлатӣ) аз рӯйи ҳар як иншоот барои давраи миёнамуҳлат.

5. Ба Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад, ки то 25 феврали соли 2024 дурнамои қурби миёнаи солонаи пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА ва сатҳи таваррумро барои солҳои 2025-2027 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

6. Вазорату идораҳо, субъектҳои хоҷагидории дахлдор, Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва ташкилотҳои дигар то 3 апрели соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳисоби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ, аз ҷумла андоз аз фоида, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет аз рӯйи самтҳои фаъолият бо ташкилотҳои тобеъ дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (аз рӯйи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо дарназардошти иҷрои воқеӣ дар соли 2023, баҳодиҳӣ барои соли 2024 ва дурнамо барои солҳои 2025-2027 (дар шакли ҷадвал) пешниҳод намоянд.

7. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақомоти соҳавии дигар, ки аз имтиёзҳои андозӣ бархӯрдоранд, маълумот оид ба самаранокии имтиёзҳои андозии нисбат ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар соли 2023 татбиқшуда, баҳодиҳии соли 2024 ва дурнаморо барои соли 2025 дар асоси талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ то 3 апрели соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

8. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3 апрели соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро аз рӯйи ҳисоботи воқеии солҳои 2022-2023, баҳодиҳии соли 2024 ва дурнамо барои солҳои 2025-2027 пешниҳод намояд:

- оид ба дурнамои даромади буҷети давлатӣ дар алоҳидагӣ аз рӯйи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (бо тақсимот аз рӯйи шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз рӯйи манбаъҳои андозбандӣ ва намудҳои андоз тибқи ҳисобҳои алоҳида дар шакли ҷадвал;

- оид ба манбаъҳои андозбандӣ, маблағҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва андозҳои андозсупорандагони калони ҷумҳурӣ дар вилоятҳо (аз рӯйи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

- оид ба шумораи андозсупорандагон аз рӯйи субъектҳои андозбандӣ, манбаъ ва маблағи имтиёзҳои андозии истифодашаванда вобаста ба намуди андоз ва моддаҳои дахлдори Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тақсимот аз рӯйи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо (дар шакли ҷадвал);

- таносуби субъектҳои соҳибкории милливу хориҷӣ аз рӯйи тақсимоти соҳавӣ ва минтақавӣ, инчунин ҳаҷми воридоти андозҳо аз ҳисоби онҳо бо дарназардошти ин таносуб;

- тамоюли вокеии васеъшавӣ ва ё маҳдудшавии манбаъҳои андозбандӣ аз рӯйи намудҳои андоз дар тақсимоти минтақавӣ.

9. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро оид ба ҳисоботи воқеӣ дар солҳои 2022-2023, баҳодиҳии соли 2024 ва дурнамо барои солҳои 2025-2027 бо нишон додани минтақаҳо пешниҳод намояд:

- оид ба дурнамои даромади буҷети давлатӣ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар алоҳидагӣ аз рӯйи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ;

- оид ба воридоти молҳои андозбандишаванда, имтиёзҳои тарифӣ ва андозӣ аз рӯйи намудҳои андоз ва пардохт;

- оид ба воридоти молҳои зераксизӣ аз рӯйи намудҳо бо нишон додани ҳаҷм ва арзиш.

10. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3 апрели соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои дурнамои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз рӯйи даромад ва хароҷотро барои солҳои 2025-2027 бо дарназардошти баҳодиҳии соли 2024 пешниҳод намояд.

11. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3 апрели соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро барои солҳои 2025-2027 пешниҳод намояд:

- оид ба созишномаҳои сармоягузории давлатии бо ҷалби кумаки беруна амалишаванда тибқи феҳристи созишномаҳои сармоягузории давлатӣ;

- оид ба маблағи умумии аз хусусигардонӣ ва истифодаи моликияти ҷумҳуриявӣ воридшаванда бо дарназардошти иҷрои воқеии он дар соли 2023 ва баҳодиҳии соли 2024;

- феҳристи созишномаҳои сармоягузорӣ бо дарназардошти амалишавии созишномаҳо ва имтиёзҳои истифодашаванда барои солҳои 2022-2023;

- оид ба воридоти маблағҳо аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки давлатии мансуб ба моликияти ҷумҳуриявӣ аз рӯйи ташкилотҳо бо дарназардошти иҷрои воқеии он дар соли 2023 ва баҳодиҳии соли 2024.

12. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо (аз рӯйи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нишон додани масоҳати заминҳо ба ҳолати 1 январи соли 2024 дар шакли ҷадвал;

- оид ба масоҳати молу мулки шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва намудҳои дигари фаъолият дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (аз рӯйи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои муайян намудани манбаи андозбандии андоз аз молу мулки ғайриманқули онҳо барои соли 2025 ва солҳои 2026-2027 мутобиқ ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли ҷадвал.

13. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани манбаи андозбандии андоз аз воситаҳои нақлиёт ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2024 дар бораи шумораи объектҳои андозбандии андоз аз воситаҳои нақлиёт аз рӯйи тамғаи ҳар як воситаи нақлиёт дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (аз рӯйи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намояд.

14. Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком», Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик», Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» то 1 марти соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳаҷми солонаи воридоти маблағҳои андозӣ ва ғайриандозӣ аз рӯйи арзиши хизматрасониҳо барои солҳои 2022-2023, баҳодиҳии соли 2024 ва дурнамо барои солҳои 2025-2027 маълумот пешниҳод намоянд.

15. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Корхонаи воҳиди давлатии «Хӯрокворӣ» то 1 марти соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, молҳои зераксизӣ, бақияи маҳсулоти зераксизӣ, ки дар анборҳои корхонаҳо мавҷуд мебошанд ва пешгӯйи воридоти андозҳо барои солҳои 2025-2027 дар миқёси корхонаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намояд.

16. Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 3 апрели соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фурӯши воқеии молу маҳсулоти содиротӣ дар соли 2023, баҳодиҳӣ аз рӯйи ҳаҷм, номгӯйи молу маҳсулот аз рӯйи соҳаҳо барои соли 2024 ва дурнамо барои соли 2025 маълумот пешниҳод намояд.

17. Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷозатномаҳои барои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ додашуда, қарордодҳо оид ба истифодабарии қаъри замин бо истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ басташуда, инчунин маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо ҷиҳати истифодаи захираҳои табиӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 маълумот пешниҳод намоянд.

18. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» то 1 марти соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- оид ба ҳаҷми солона ва арзиши хизматрасонии коммуналии истифодашаванда дар миқёси ташкилотҳои буҷетӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ (аз рӯйи ноҳияҳо) барои солҳои 2025–2027;

- оид ба қарздорӣ аз рӯйи уҳдадориҳои созишномаҳои зерқарзӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024.

19. Вазорату идораҳо, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, субъектҳои хоҷагидории дахлдор ва ташкилотҳои дигар то 1 марти соли 2024 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оид ба қарзҳои бо кафолати давлат ҷалбгардида ва дурнамои онро барои давраи миёнамуҳлат пешниҳод намоянд.

20. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии авиатсияи гражданӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» то 1 марти соли 2024 рӯйхати имтиёздоронро аз рӯйи гурӯҳҳо дар мувофиқа бо мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз имтиёзҳо бархӯрдоранд, ҷиҳати пардохти кумаки молиявӣ (субсидия) ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

21. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯйи иншоотe, ки аз рӯйи дараҷаи таъсир ба ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ҷудо карда шудаанд, сохтмонашон нотамоми аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ сохташаванда ва дараҷаи омодагии онҳо ба ҳолати 1 январи соли 2024 то 1 феврали соли 2024 ва ба ҳолати 1 июли соли 2024 то 10 июли соли 2024 пешниҳод намоянд;

- стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷетии соҳаро, ки дар он вазифаҳои асосӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ҳадафҳои рушди устувор инъикос гардидаанд, таҳия ва тасдиқ намуда, баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» дар сомонаҳои расмии соҳавӣ ҷойгир намоянд;

- дар манбаъҳои маблағгузорӣ, ки барои амалӣ намудани барномаҳои миёнамуҳлати хароҷоти соҳавӣ заруранд, маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳоро барои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузории давлатии соҳаи дахлдор аз ҳисоби қарзҳо, грантҳо, инчунин грантҳои мустақим ва хизматрасониҳои музднок (маблағҳои махсус) нишон диҳанд.

22. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:

- лоиҳаи буҷетҳои маҳаллиро барои соли 2025 барои таъминоти ҳадди ақалли буҷетҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо ҷалби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таҳия карда, тибқи номгӯй ва ҷадвали тасдиқгардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- бо мақсади амалисозии моддаи 45 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» оид ба таъмини мустақилияти молиявии ҷамоатҳо ҷиҳати таҳияи лоиҳаи буҷетҳои алоҳидаи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот чораҷӯйӣ намоянд.

23. Вазорату идораҳо, субъектҳои хоҷагидории дахлдор, Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва ташкилотҳои дигар дар муҳлатҳои бо фармоиши мазкур муқарраргардида иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташударо таъмин карда, аз натиҷаи он ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти хаттӣ ва электронӣ пешниҳод намоянд.

24. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иҷрои фармоиши мазкурро таъмин карда, ҳар семоҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои талаботи он аз ҷониби вазорату идораҳо ҳисобот манзур намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ФАРМОИШ**
**Правительство Республики Таджикистан**
**РАСПОРЯЖЕНИЕ**

от 17 февраля 2024 года № 7-р

**г. Душанбе**

В целях качественной разработки государственного бюджета на 2025-2027 годы и обеспечения эффективного использования государственных финансовых ресурсов:

1. Министерству финансов Республики Таджикистан в соответствии с основными направлениями Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, утвержденной постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636, Программы среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы, утвержденной постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 16 июня 2021 года, №441, а также с учетом реализации Целей устойчивого развития, в целях разработки показателей государственного бюджета на 2025-2027 годы и проекта Закона Республики Таджикистан «О государственном бюджете Республики Таджикистан на 2025 год» реализовать следующие мероприятия:

1) до 25 февраля 2024 года из числа представителей соответствующих министерств и ведомств (на уровне заместителей руководителя) создать межведомственную бюджетную рабочую группу при Министерстве финансов Республики Таджикистан;

2) предпринять меры по разработке механизма интеграции гендерных вопросов, климатических вопросов и отражению связи показателей бюджета с целями устойчивого развития;

3) до 25 февраля 2024 года разработать и направить в соответствующие министерства, ведомства и местные исполнительные органы государственной власти инструкцию по формированию показателей государственного бюджета Республики Таджикистан на 2025-2027 годы (1 этап) и календарный план по подготовке проекта бюджета;

4) подготовить и утвердить порядок разработки и формы предложений бюджетных заявок;

5) до 15 апреля 2024 года, исходя из предварительной оценки прогноза макроэкономических показателей, сформированных Министерством экономического развития и торговли Республики Таджикистан, определить прогнозный объем доходов государственного бюджета Республики Таджикистан на среднесрочный период;

6) до 3 июня 2024 года, в рамках разработки проекта государственного бюджета на 2025-2027 годы, предоставить на рассмотрение Постоянно действующей бюджетной комиссии при Правительстве Республики Таджикистан проект основных направлений финансово-бюджетной и налоговой политики на предстоящий период бюджетного планирования, содержащий следующие сведения:

- параметры государственного бюджета по доходам, расходам, его дефициту и объему государственного долга;
- расчетные показатели базисного бюджета;
- показатели государственных инвестиций;
- общую сумму расходов на реализацию новых направлений государственной политики;
- приоритетные расходы для реализации новых направлений государственной политики на основании предложений главных распорядителей бюджетных средств, разработанных в соответствии с приоритетами государственной политики и целями устойчивого развития;
- другую информацию, необходимую для формирования государственного бюджета;

7) до 3 июля 2024 года подготовить и довести до соответствующих министерств, ведомств и местных исполнительных органов государственной власти инструкцию по формированию проекта государственного бюджета Республики Таджикистан на 2025 год и его прогнозных показателей на 2026-2027 годы (II-этап);

8) после одобрения Постоянно действующей бюджетной комиссией при Правительстве Республики Таджикистан основных направлений финансово-бюджетной и налоговой политики на период бюджетного планирования довести потолки расходов до министерств, ведомств и местных исполнительных органов государственной власти;

9) до 20 сентября 2024 года представить проект Закона Республики Таджикистан «О государственном бюджете Республики Таджикистан на 2025 год» и прогнозные показатели государственного бюджета на 2026-2027 годы на рассмотрение в Правительство

Республики Таджикистан по программной, функциональной, экономической и ведомственной классификациям.

2. Министерствам и ведомствам, финансируемым за счет государственного бюджета Республики Таджикистан:

- до 25 февраля 2024 года, исходя из отраслевых приоритетов, создать межведомственные отраслевые рабочие группы для разработки среднесрочных программ отраслевых расходов и предоставить информацию в Министерство финансов Республики Таджикистан;

- в соответствии с календарным планом, утвержденным Министерством финансов Республики Таджикистан, представить среднесрочные программы отраслевых расходов на рассмотрение межведомственной бюджетной рабочей группы при Министерстве финансов Республики Таджикистан;

- при разработке заявки на финансирование стратегии среднесрочных расходов (инструкция этапа 1), представить проект секторальных программ, которые в среднесрочной период требуют финансирования из государственного бюджета в рамках показателей государственного бюджета на 2025-2027 годы;

- разработать расходы на реализацию распоряжения Президента Республики Таджикистан «О мерах по расширению безналичных расчетов» от 22 июня 2023 года, №586 и представить в Министерство финансов Республики Таджикистан;

- с целью точного планирования бюджета по отраслям, до 25 февраля 2024 года на уровне основных распределителей бюджетных средств из числа сотрудников соответствующих министерств и ведомств создать внутриведомственную рабочую группу по формированию собственных бюджетов соответствующих министерств и ведомств как главных распорядителей бюджетных средств и представить информацию в Министерство финансов Республики Таджикистан;

- предоставление всей бюджетной информации для Министерства финансов Республики Таджикистан осуществлять только в электронном варианте без бумажной копии.

3. Министерствам и ведомствам разработать секторальные расходы по программной классификации на 2025 год, а также описание действующих бюджетных программ с учетом их взаимосвязи с отраслевыми приоритетами и ожидаемыми результатами в виде нефинансовых показателей и до 1 августа 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан.

4. Министерству экономического развития и торговли Республики Таджикистан представить следующую информацию в Министерство финансов Республики Таджикистан:

- до 1 марта 2024 года предварительную оценку прогноза основных макроэкономических показателей на 2024 год и основные параметры прогноза на 2025-2027 годы, а также показатели государственных инвестиций на среднесрочный период;

- до 8 июля 2023 года уточненный прогноз основных макроэкономических показателей на 2025 год и его основные параметры на 2026-2027 годы с учетом прогнозных показателей социально-экономического развития Горно-Бадахшанской автономной области, Хатлонской и Согдийской областей, города Душанбе, городов и районов республиканского подчинения на 2025-2027 годы, а также до 25 июля 2024 года показатели по централизованным капитальным вложениям (за счет государственного бюджета) с разбивкой по объектам на среднесрочный период.

5. Рекомендовать Национальному банку Таджикистана до 25 февраля 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан прогноз среднегодового курса национальной валюты к доллару США и уровень инфляции на 2025-2027 годы.

6. Министерствам, ведомствам, соответствующим хозяйствующим субъектам, Государственному унитарному предприятию «Сберегательный банк Республики Таджикистан «Амонатбонк» и другим организациям до 3 апреля 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан сведения (в форме таблиц) об исчислении налоговых и неналоговых поступлений, в том числе по налогу на прибыль, другим обязательным платежам в бюджет по направлениям деятельности с подведомственными организациями на территории Горно-Бадахшанской автономной области, областей (с разбивкой по городам и районам областного подчинения), города Душанбе, городов и районов республиканского подчинения с учетом фактического исполнения в 2023 году и оценки 2024 года и прогноза на 2025-2027 годы.

7. Министерству экономического развития и торговли Республики Таджикистан, Министерству промышленности и новых технологий Республики Таджикистан, Министерству энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан, Министерству сельского хозяйства Республики Таджикистан, Министерству транспорта Республики Таджикистан, Министерству здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан, Комитету по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан, Комитету по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан, а также дргуим отраслевым органам, которые пользуются налоговыми льготами, до 3 апреля 2024 года предоставить в Министерство финансов Республики Таджикистан информацию об эффективности реализованных налоговых льгот в

отношении хозяйствующим субъектов в 2023 году, оценке 2024 года и прогнозу на 2025 год исходя из требований нормативно правовых актов.

8. Налоговому комитету при Правительстве Республики Таджикистан до 3 апреля 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан следующие сведения по фактическим отчетам за 2022-2023 годы, оценке 2024 года и прогноз на 2025-2027 годы:

- о прогнозе доходов государственного бюджета в отдельности по налоговым и неналоговым поступлениям в Горно-Бадахшанской автономной области, областях (с разбивкой по городам районам областного подчинения), городе Душанбе, городах и районах республиканского подчинения по источникам налогообложения и видам налогов согласно отдельным расчетам в форме таблицы;

- об источниках налогообложения, начисленных и оплаченных средствах, налогов крупных налогоплательщиков республики в разрезе областей (с разбивкой по городам и районам областного подчинения), города Душанбе, городов и районов республиканского подчинения;

- о количестве налогоплательщиков в разрезе субъектов налогообложения, источниках и сумме используемых налоговых льгот в зависимости от типа налога и соответствующей статьи Налогового кодекса Республики Таджикистан в разрезе областей, городов и районов (в форме таблицы);

- соотношение местных и иностранных субъектов предпринимательства по отраслевому и региональному распределению, а также объем налоговых поступлений за их счет, с учетом данного соотношения;

- реальная тенденция к расширению или ограничению источников налогообложения по видам налогов в региональном распределении.

9. Таможенной службе при Правительстве Республики Таджикистан до 1 марта 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан следующие сведения по фактическим отчетам за 2022-2023 годы, оценке 2024 года и прогнозу на 2025-2027 годы с указанием регионов:

- о прогнозе доходов государственного бюджета от внешнеэкономической деятельности в отдельности по налогам и неналоговым поступлениям;

- о налогооблагаемом импорте товаров, тарифных и налоговых льготах по видам налогов и платежей;

- об импорте подакцизных товаров по видам с указанием объёма и стоимости.

10. Агентству по социальному страхованию и пенсиям при Правительстве Республики Таджикистан совместно с Налоговым комитетом при Правительстве Республики Таджикистан до 3 апреля 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан прогнозные показатели бюджета социального страхования и пенсий по доходам и расходам на 2025-2027 годы, с учетом оценки 2024 года.

11. Государственному комитету по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан до 3 апреля 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан следующие сведения на 2025-2027 годы:

- о государственных инвестиционных соглашениях, реализуемых с привлечением внешней помощи, в соответствии с реестром государственных инвестиционных соглашены;

- об общей сумме поступлений от приватизации и использования республиканской собственности, с учётом фактического исполнения в 2023 году и оценки 2024 года;

- перечень инвестиционных соглашений с учетом реализации соглашений и используемых видов льгот на 2022-2023 годы;

- о поступлениях средств за счёт сдачи в аренду государственного имущества, относящегося к республиканской собственности, по организациям, с учетом фактического исполнения в 2023 году и оценки 2024 года.

12. Государственному комитету по земельному управлению и геодезии Республики Таджикистан совместно с Налоговым комитетом при Правительстве Республики Таджикистан представить в Министерство финансов Республики Таджикистан следующие сведения:

- о количестве дехканских хозяйств в Горно-Бадахшанской автономной области и областях (с разбивкой по городам и районам областного подчинения), городе Душанбе, городах и районах республиканского подчинения с указанием площади земель по состоянию на 1 января 2024 года в виде таблицы;

- о площади имущества физических, юридических лиц и иных видов деятельности в Горно-Бадахшанской автономной области и областях (с разбивкой по городам и районам областного подчинения), городе Душанбе, городах и районах республиканского подчинения для определения источники налогообложения налога на недвижимость в 2025 и 2026-2027 годах в соответствии с нормами, установленными Налоговым кодексом Республики Таджикистан в табличной форме.

13. Министерству внутренних дел Республики Таджикистан, Министерству транспорта Республики Таджикистан и Министерству сельского хозяйства Республики Таджикистан для определения источника налогообложения налога на транспортные средств представить в Министерство финансов Республики Таджикистан в соответствии с Налоговым кодексом Республики Таджикистан до 1 марта 2024 года сведения о количестве объектов налогообложения

налога на транспортные средства по марке каждого транспортного средства на территории Горно-Бадахшанской автономной области, областей (с разбивкой по городам и районам областного подчинения), города Душанбе, городов и районов республиканского подчинения.

14. Открытому акционерному обществу «Барки Точик», Открытому акционерному обществу «Шабакахои таксимоти барқ», Открытому акционерному обществу «Шабакахои интиколи барк», Открытому акционерному обществу «Таджиктелеком», Открытому акционерному обществу «Таджикская Алюминиевая Компания», Государственному унитарному предприятию «Рохи охани Точикистон» и Государственному унитарному предприятию «Сберегательный банк Республики Таджикистан «Амонатбонк» до 1 марта 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан сведения о годовом объеме налоговых и неналоговых поступлений согласно стоимости услуг за 2022-2023 годы, оценке 2024 года и прогнозе на 2025-2027 годы.

15. Министерству промышленности и новых технологий Республики Таджикистан совместно с Государственным унитарным предприятием «Хуроквори» до 1 марта 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан сведения о производстве и реализации продукции, подакцизных товаров, остатках подакцизных товаров, хранящихся на складах предприятий и прогнозе налоговых поступлений на 2025–2027 годы в разрезе предприятий, городов и районов республики.

16. Агентству по экспорту при Правительстве Республики Таджикистан совместно с Таможенной службы при Правительстве Республики Таджикистан до 3 апреля 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан информацию о фактических продажах экспортируемых товаров и продуктов в 2023 году, оценке по объему, перечню товаров и продуктов по секторам на 2024 год и прогнозе на 2025 год.

17. Министерствам промышленности и новых технологий, энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан, Главному управлению геологии при Правительстве Республики Таджикистан и Налоговому комитету при Правительстве Республики Таджикистан представить в Министерство финансов Республики Таджикистан сведения по выданным лицензиям на использование недр, подписанным контрактам на пользование недрами с недропользователями, а также начисленной и уплаченной сумме налогов за использование природных ресурсов по состоянию на 1 января 2024 года.

18. Государственному унитарному предприятию «Жилищно-коммунальное хозяйство» до 1 марта 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан следующие сведения:

- о годовых объемах и стоимости потребляемых коммунальных услуг в разрезе бюджетных организаций и регионов страны (в разрезе районов) на 2025–2027 годы;

- о задолженностях по обязательствам субзаёмных соглашений по состоянию на 1 января 2024 года.

19. Министерствам, ведомствам, центрам реализации государственных инвестиционных проектов, соответствующим хозяйствующим субъектам и другим организациям до 1 марта 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан сведения о привлеченных под государственную гарантию займах и их прогноз на среднесрочный период.

20. Министерству транспорта Республики Таджикистан, Агентству гражданской авиации при Правительстве Таджикистан, Службе связи при Правительстве Республики Таджикистан и Государственному унитарному предприятию «Жилищно-коммунальное хозяйство» до 1 марта 2024 года представить в Министерство финансов Республики Таджикистан для выплаты субсидий списки льготников по категориям по согласованию с органами социальной защиты населения, военными структурами и правоохранительными органами, пользующихся льготами.

21. Соответствующим министерствам, ведомствам и местным исполнительным органам государственной власти:

- представить в Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан перечень объектов, упорядоченных по степени воздействия на достижение целей устойчивого развития, строительство которых не завершено и ведётся за счет бюджетных средств, а также степени их готовности по состоянию на 1 января 2024 года – до 1 февраля 2024 года и по состоянию на 1 июля 2024 года до 10 июля 2024 года;

- разработать и утвердить среднесрочные стратегии бюджетных расходов отрасли, отражающие основные задачи для достижения стратегических целей в соответствии с Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, Среднесрочной программой развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы, целями устойчивого развития и после принятия Закона Республики Таджикистан «О государственном бюджете Республики Таджикистан на 2025 год» опубликовать на официальных сайтах;

- в источниках финансирования, необходимых для реализации среднесрочных программ отраслевых расходов, указать бюджетные средства и средства для реализации инвестиционных проектов соответствующих отраслей за счет кредитов, грантов, а также прямых грантов и платных услуг (специальных средств).

22. Исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов республиканского подчинения:

- разработать проекты местных бюджетов на 2025 год для минимального обеспечения местных бюджетов исполнительных органов государственной власти с привлечением физических и юридических лиц и согласно утверждённому перечню и графику представить в Министерство финансов Республики Таджикистан;

- в целях реализации статьи 45 Закона Республики Таджикистан «Об органах самоуправления посёлков и сёл» об обеспечении финансовой независимости джамоатов, принять меры относительно подготовки проектов отдельных бюджетов джамоатов поселков и дехотов.

23. Министерствам и ведомствам, соответствующим хозяйствующим субъектам, Государственному унитарному предприятию «Сберегательный банк Республики Таджикистан «Амонатбонк» и другим организациям в сроки, установленные настоящим распоряжением, обеспечить выполнение возложенных обязательств и представить в Министерство финансов Республики Таджикистан информацию в письменном и электронном видах.

24. Министерству финансов Республики Таджикистан обеспечить контроль за исполнением настоящего распоряжения и ежеквартально представлять в Правительство Республики Таджикистан отчет о выполнении его требований министерствами и ведомствами.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

Эмомали Рахмон